## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсия ва автореферати Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзуи “Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси: 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04- Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ).**

Дар замони муосир таваҷҷуҳ ба ташаккули салоҳияти, иҷтимоию маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ ва фаъолияти инноватсионӣ ва сайқалу рушди маҳорати касбии омӯзгори оянда бештар мубрамият пайдо намудааст. Дар ин росто, бо назардошти муносибати инсонпарварона шахсияти инсон, рушд ва инкишофи имкониятҳои эҳтимолии омӯзгорони оянда яке аз вазифаҳои муҳимтарин дар тарбия ва таълими наслиояндасоз донистани таърихи милати хеш ва рушди худшиносӣ ба ҳисоб меравад.

Диссертацияи мазкур маҳз ба масъалаи ҷанбаҳои педагогии ташаккул додани салоҳияти иҷтимоию маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, яъне омӯзгорониояндаи фанни таърих диққати махсус зоҳир менамояд. Диссертатсия дар шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон омода гардидааст.

Муҳаққиқ дар аснои омӯзиши асарҳои илмӣ, фалсафӣ, педагогӣ, психологӣ ва таърихӣ тавонистааст мавзуи таҳқиқоти хешро рӯи кор орад. Ӯ як қатор мухолифатҳоеро, ки аҳамияти илмӣ-педагогӣ, психологӣ дошта, хоси таълиму тарбияанд, баррасӣ кардааст. Аз ҷумла:

- талаботи ҷомеаи муосирро оид ба ташаккули салоҳияти омӯзгорониояндаи фанни таърихи халқи тоҷик сармашқи таҳқиқоти хеш дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ намудааст;

- талаботи ҷомеаи муосирро ба омода намудани омӯзгори босалоҳияти фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дуруст ошкор намудааст;

- зарурати истифода бурдани методҳои фаъолро дар омезиш бо методҳои анъанавӣ тавонистааст ошкор намояд ва тамоми таваҷҷуҳи хешро ба ворид намудани навгониҳои педагогӣ равона намудааст;

Маҳз рисолаи мазкур дар раванди омодагӣ ба ҷашни 115 солагии алома Бобоҷон Ғафуров ва озмуни бошукӯҳи Ҷумҳуриявии“Тоҷикон оинаи таърихи миллат” омода гардида ба дифоъ расидааст. Рисола дорои моҳияти баланди назариявӣ, илмӣ, амалӣ ва педагогию психологӣ буда, дар иҷрои он меҳнату заҳмати Маҳмадализода Бобоҷон ниҳоят калон мебошад.

Муҳақиқ дар раванди омода намудани диссертатсия ва автореферат тамоми диққати хешро ба он равона намудааст, ки аппарати илмии корро дар асоси талаботи нави КОА анҷом бахшад. Зимни муайян кардани ҳадаф, предмет, объекти мавзӯи таҳқиқот ва ҷиҳати собит кардани дурустии фарзияи таҳқиқот диссертант тавонистааст вазифаҳои ниҳоят муҳимро мавриди ҳал карор диҳад.

Навгониии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти муҳаққиқ далелнок ва боэътимод буда, вобаста ба ин маколаҳои зиёде ба табъ расидаанд, ки муҳтавои рисоларо пурра инъикос менамоянд. Автореферати рисола ифодагари мазмуни фишурдаи диссертация мебошад.

Бо роҳи омӯзиш ва таҳлили мавзӯи таҳқиқотӣ муҳаққиқ ба хулосабаррӣ ва тавсияҳои методӣ мувофиқ омадааст. Ҷолиб он аст, ки диссертант дар раванди иҷрои ҳар зермавзуъ ба андеша ва пешниҳодоти олимону муҳаккикон такя карда, мевкеи худашро иброз намудааст, ки сифати корро эҷодӣ мегардонад.

Маҳмадализода Бобоҷон.Раҳмон дар давраи таҳияи рисолаи илмӣ худро ҳамчун фарди босалохият, омода ба иҷрои кори илмӣ, мустакил,

боадаб, масъулиятшинос ва дорои таҷрибаи калони фаъолияти педагогӣ, муҳаққиқ нишон дода тавонист.

Бо назардошти хислатҳои шахсии муаллифи рисола ва омодагии ӯ дар таҳияи кори илмӣ чунин мешуморам, ки диссертацияи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзӯи "Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ- маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04- Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод гардидааст, кори мустақилона бaанҷомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, ҷавобгӯйи талаботи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Роҳбари илмӣ,
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент Маҳкамов Дастам

28.08.2023с

Имзои Маҳкамов Д-ро тасдиқ мекунам

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузорӣ Ҳакимова Хосият

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО